

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№44 (4940)

ЧОРШАНБЕ,
9 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991
чоп мешавад

www.sadoimardum.tj


## ФАРМОНИ
### ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Лаҳистон таъин намудани Сатторов И.М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Германия Сатторов Имомудин Мирзоевич ҳамзамон сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Лаҳистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 7 апрели соли 2025, №1018**



## ИТТИЛОИЯ
### дар бораи Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум

**Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум 11 апрели соли 2025, соати 10-00 дар толори иҷлосияҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.**

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 апрели соли 2025 аз соати 09-00 то соати 17-00 ва 11 апрели соли 2025 аз соати 07-00 то 09-00 дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо:** 221-98-35, 223-19-48.





## ДАСТУРИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ҶИҲАТИ БУНЁДИ МАКТАБИ БАРНОМАСОЗӢ ДАР ПОЙТАХТ

**7-уми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар расми ифтитоҳи бинои IT-парки шаҳри Душанбе, ки дар доираи намоишгоҳи «ICT WEEK-2025» баргузор гардид, барои ҳар чӣ зудтар таҳия намудани лоиҳаи мактаби барномасозӣ дар пойтахт ва бунёди он дар муддати кӯтоҳтарин ба масъулини мақомоти шаҳри Душанбе дастуру супоришҳои мушаххас доданд. Дар ин хусус аз шуъбаи иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд.**

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ намоишгоҳи гӯшаҳои технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотиро тамошо намуда, бо имконияти рақамии ширкатҳои ватанӣ шинос гардиданд.

Ин чорабинӣ дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардида, қадами устувор барои расидан ба ҳадафҳои Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (2025-2030) мебошад.

IT-парки шаҳри Душанбе соли 2024 дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, бо мақсади дастгирии соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ, инчунин, ҷалби стартапҳо ва ширкатҳои соҳа ба рушди иқтисоди рақамӣ татбиқ гардидааст.

Дар муддати кӯтоҳ бинои IT-парк бо тамоми шароити зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, барои мутахассисони соҳаи IT муҳити мусоид ва имконияти фаровон фароҳам аст. Ба ҳолати имрӯза 11 ширкати ватанӣ мақоми аъзои доимии IT-паркро соҳиб гардида, дар ҳудуди он фаъолият доранд. Бо мақсади рушди минбаъда то охири сол боз ҷалби 100 ширкати дигар ба ҳайси аъзои доимӣ пешбинӣ гардидааст.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид намуданд, ки дар ҷаҳони муосир иқтисоди рақамӣ ва инноватсия муҳаррики рушди устувори кишварҳо ба ҳисоб мераванд. Тоҷикистон низ ҳамчун аъзои иқтисоди ҷаҳонӣ аҳамияти ин равандро ба ҳисоб гирифта, ба марҳилаи нави рушди рақамӣ ворид мегардад.

Мавриди таъкид аст, ки бо ташаббус ва дастгириҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи иқтисоди рақамӣ, бахусус рушди инноватсия дар мамлакат, мавқеи хоса касб намудааст.

Таъкид карда шуд, ки дар шароити босуръати тағйирёбии ҷаҳони муосир кишваре метавонад дар радифи давлатҳои пешрафта қарор гирад, ки ба рушди илм, технология ва рақамисозии идоракунӣ таваҷҷуҳи пайваста зоҳир намуда, ҳамрадифи замон қадам монад. Аз ин рӯ, лоиҳаи омӯзиши фанни зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ки то соли 2026 татбиқ мешавад, ба рушди заминаи кадрӣ ва ташаккули насли рақамӣ мусоидат менамояд. Татбиқи шабакаи 5G дар ин замина яке аз афзалияти асосӣ ба ҳисоб рафта, ба дастрасии интернет ва рушди хизматрасонии рақамӣ мусоидат менамояд. Чорабинӣ яке аз муҳимтарин рӯйдодҳо дар соҳаи рақамикунонӣ ва инноватсия дар мамлакат ба ҳисоб рафта, дар доираи ифтитоҳи IT-парки нав давоми ҳафта, ҳамчунин, баргузор гардидани намоишгоҳҳо, форумҳо, озмунҳо, мастерклассҳо ва музокираҳо марбут ба ояндаи рушди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар дошта шудааст.

**Ш. ҲУСЕЙНЗОДА,**
**«Садои мардум»**



## ҲУШДОРЕ, КИ ҶАҲОНРО ТАКОН ДОД

**Таъсири манфии тағйирёбии иқлим боиси вайроншавии низоми табиати сайёра гардида, ба пайдоиши мушкилоти дигар низ мусоидат мекунад. Ҳарчанд таъсири манфии тағйирёбии иқлим дар манотиқи мухталифи кураи арз ба таври гуногун ба назар мерасад, вале дар раванди мазкур аз ҳама бештар ноҳияҳои кӯҳсор осеб мебинанд.**

Яке аз сарватҳои нодири бархе навоҳии кӯҳсор ва манбаи асосии оби нӯшокӣ дар манотиқи хушкӣ пиряххо буда, обшавии босуръати онҳо оқибати бармалои тағйирёбии иқлим мебошад. Пиряххо, ки бузургтарин манбаи оби ширин дар сайёраи Замин буда, дар маҷмуъ, майдони андозаашон баробар ба масоҳати Амрикои Ҷанубӣ (Лотинӣ)-ро ишғол мекунад, пас аз анҷоми давраи яхбандии хурд (соли 1850) инҷониб таназзул ёфта истодаанд. Мутаассифона, давоми даҳсолаҳои охир обшавии пиряххо суръати бесобиқа касб кардааст.

Зиёда аз ин, дурнамои тағйирёбии иқлим то интиҳои асри XXI суръати обшавии пиряххоро тақвият бахшид. Мувофиқи мушоҳидаҳои метеорологӣ, ҳарорати миёнаи сатҳи сайёра тақрибан ба 15°C расидааст, ки баландтарин нишондиҳандаи ҳарорат давоми 3 млн. соли охир мебошад. Аз ин рӯ, ҳар рӯз ба ҳисоби миёна беш аз 1 млн. тонна ях об мешавад, ки ба пайдоиши тӯфон, обхезӣ ва дигар офатҳои марбут ба обуҳаво ва иқлим боис гардида, сабабгори хисороти шадиди соҳаи кишоварзӣ ва иқтисодӣ мешавад. Тибқи ҳисоби Ташкилоти озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (FAO) ва Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP), раванди таназзули заминҳо бо суръати 6,9 млн. га/сол ҷараён дорад. Фарзи мисол, дар минтақаи Осиё зиёда аз 1,4 млрд. га замин зери хатари биёбоншавӣ қарор дошта, дар қитъаи Африка беш аз 1 млрд. га (73% заминҳои лалмӣ) аз биёбоншавӣ таъсири ҷиддӣ мебинанд.

Бо назардошти ин нукта Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти якуми Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим, ки 3 марти соли 2021 баргузор гардид, оид ба таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба ҳолат ва дурнамои пиряххои ноҳияҳои кӯҳсор чунин ибрози андеша намуданд: «Мусаллам аст, ки тағйирёбии иқлим, пеш аз ҳама, аз ҳисоби таъсиррасонӣ ба захираҳои об ба ҳаёти ҳаррӯзаи мо дигаргунӣ ворид менамояд. Аз дидгоҳи мо яке аз нишондиҳандаҳои асосии раванди мазкур ин обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ мебошад. Мутаассифона, имрӯзҳо мо босуръат об шудани яхро дар Арктика, Антарктида ва Гренландия мушоҳида менамоем. Ҳамчунин, тағйироти ҷиддӣ дар пиряххои воқеъ дар хушкӣ низ ба амал омада истодаанд».

Мувофиқи тадқиқоти олимон, обшавии пиряххои Гренландия, ки пас аз Антарктида дуюмин майдони яхбандии калонтарини сайёра ва бо масоҳати 1 710 000 $км^2$ дар якҷоягӣ аз Фаронса, Испания ва Олмон калон мебошад, давоми 200 соли охир сатҳи оби Уқёнуси ҷаҳониро аз 48 то 160 см боло мебардорад. Агар ин тамоюл густариш ёбад, то интиҳои садсолаи XXI на танҳо инфрасохтори наздисоҳилии Арктика (бандарҳо, фурудгоҳҳо, роҳҳо), балки тамоми шаҳрҳои наздисоҳилӣ зери об монда, ҳолати мазкур зиндагии 400 млн. нафар аҳолии сайёраро хароб менамояд. Мувофиқи пешгӯии олимони Донишгоҳи Ҷорҷ Вашингтон, то соли 2050 ҳадди ақал 25% инфрасохтори шаҳрҳои шимолии Россия хароб гардида, хисорот аз ҳисоби обшавии қитъаҳои яхини доимӣ ва партови газҳои гулхонаӣ дар Аляска (ИМА) то соли 2099 ба 5,5 млрд. доллар мерасад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**




## САФАРИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН БА ӮЗБЕКИСТОН

**5-уми апрели соли 2025 ҳайати парлумонии Тоҷикистон бо роҳбарии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода барои иштирок дар кори 150-уми Ассамблеяи Иттиҳоди байнипарламентӣ ба шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар кард.**

**7-уми апрели соли равон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода дар ҷаласаи пленарии Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарламентӣ дар мавзуи «Ҷунбиши парлумонӣ барои рушди иҷтимоӣ ва адолат» иштирок ва суханронӣ намуд.**

«Имрӯз, вақте ки инсоният бо мушкилоти зиёди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иқлимӣ ва геополитикӣ рӯ ба рӯ аст, маҳз парламентҳо бояд дар дарёфти роҳҳои ҳалли одилона, устувор ва фарогир роҳбарӣ намоянд. Мавзуи баррасишавандаи «Ҷунбиши парлумонӣ барои рушди иҷтимоӣ ва адолат» на танҳо барои таъмини суботи миллӣ, балки мустаҳкам намудани сулҳу ҳамкории байналмилалӣ низ муҳим аст»,- иброз дошт Файзалӣ Идизода зимни суханронӣ.

Зикр шуд, ки дар Тоҷикистон адолати иҷтимоӣ ва рушд рукни муҳими сиёсати давлатӣ аст, ки таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад. Таҳти роҳбарии стратегии Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ислоҳоти васеъмиқёс барои рафъи камбизоатӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба маориф, тандурустӣ, оби тоза ва дигар захираҳои ҳаётан муҳим татбиқ шуд.

Иброз гардид, ки парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳия ва қабули барномаҳое, ки ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ, аз ҷумла гурӯҳҳои аз нигоҳи иҷтимоӣ осебпазир - занон, кӯдакон, нафақахӯрон, маъюбон, инчунин, сокинони ноҳияҳои дурдаст нигаронида шудааст, саҳм мегузорад.

«Мо стратегияҳои миллии рушди устувор, пешбурди ташаббусҳо оид ба таъсиси ҷойи кор, тавсеаи имконияти иқтисодӣ барои ҷавонон ва занон ва коҳиш додани сатҳи бекориро дастгирӣ менамоем», - гуфт Файзалӣ Идизода.

Дар Ассамблеяи Иттиҳоди байнипарламентӣ 150 ҳайати парламентӣ, 2000 вакил аз 181 давлат, 15 мамлакати нозир ва беш аз 25 созмони байналмилалӣ ва байнипарлумонӣ иштирок доштанд.

Қобили зикр аст, ки Иттиҳоди байнипарламентӣ парлумонҳои 181 кишвари ҷаҳонро муттаҳид кардааст. Баргузории ассамблеяи мазкур бори нахуст дар минтақаи Осиёи Марказӣ сурат гирифта, эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ислоҳоти демократӣ ва саъю кӯшиши рушди парламентаризмро дар минтақа тасдиқ мекунад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# САФАРИ ҲАЙАТИ ПАРЛУМОНИИ ТОҶИКИСТОН БА ӮЗБЕКИСТОН



(Идома аз саҳ. 1)

Баргузории ассамблеяи парламентӣ ба парламентҳо имкон медиҳад, ки оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ табодули таҷриба кунанд, бо фаъолияти парлумонҳо шинос шаванд, иштироки парлумонҳоро дар татбиқи «Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030» васеъ намоянд ва имкониятҳои ҳамкории парламентҳо барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устуворро баррасӣ намоянд.



**7-уми апрели соли равон дар ҳошияи Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ дар шаҳри Тошканд Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо роҳбарони ҳайатҳои парлумонии кишварҳои Осиёи Марказӣ вохӯрӣ намуд.**

Дар мулоқот аҳамияти ҷаласаи Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ, ки бори аввал дар минтақа баргузор шуд, махсус таъкид гардид.

Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек, шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ байни мамлакатҳои бародар баррасӣ шуданд. Ба натиҷаҳои самарабахши саммити якуми Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ва Форуми иқлимӣ, ки 4 апрел дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, баҳои баланд дода шуд.

Дар мулоқот хусусияти таърихии вохӯриҳои ба наздикӣ дар минтақа гузаронида, аз ҷумла ҳалли пурраи масъалаҳои делимитатсияи сарҳадҳо ва дар шаҳри Хуҷанд ба имзо расидани Шартнома дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон таъкид гардид.

Гуфта шуд, ки солҳои охир гардиши мол байни мамлакатҳо дар минтақа даҳҳо маротиба афзоиш ёфта, минтақаҳои тиҷоратии наздисарҳадӣ таъсис дода мешаванд. Лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла дар минтақаҳои мамлакатҳо, барномаҳои ҳамкории пурмаҳсули фарҳангӣ ва таълимӣ муваффақона амалӣ карда мешаванд.

Дар ҷараёни мулоқот, ҳамзамон, аҳамияти тақвияти муколамаи парлумонӣ, аз ҷумла дар сатҳи кумитаҳо барои наздик намудани мамлакатҳо ва халқҳо, пешбурди ташаббусҳо ва лоиҳаҳои муштараки ҳамкорӣ, густариши робитаҳои байниминтақавӣ ва табодули башардӯстона таъкид шуд.

**7-уми апрели соли ҷорӣ дар ҳошияи Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода мулоқотҳои дуҷониба анҷом дод.**

Дар мулоқот бо Раиси Маҷлиси Шурои Давлати Қатар Ҳасан бин Абдуллоҳ Ал-Ғоним масъалаҳои амиқсозии ҳамкориҳои дуҷониба ва густариши робитаҳои байнипарлумонӣ баррасӣ шуданд.

Файзалӣ Идизода аҳамияти ҳамкории парлумонҳои ҳар ду давлатро таъкид карда, барои идомаи робитаҳои фаъол дар қолабҳои дуҷониба ва бисёрҷониба изҳори омодагӣ намуд.

**Зимни мулоқоти Файзалӣ Идизода ва Раиси палатаи қонунбарори Маҷлиси Олии Ӯзбекистон Нуриддин Исмоилов дурнамои рушди муносибатҳо байни Маҷлиси намояндагон ва Парламенти Ӯзбекистон баррасӣ шуд.**

Аз ҷумла, зарурати густариши муносибатҳои байнипарлумонии ду ҷумҳурии бо ҳам дӯсту ҳамсоя таъкид гардид. Ҷонибҳо, инчунин, ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкории байнипарлумонӣ ва палатаҳои поёнии парлумонҳои ҳар ду мамлакат тавассути сафарҳо ва ҳамоишҳои гуногун густариш дода шавад.

**8-уми апрели соли 2025 дар ҳошияи Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода бо муовини Раиси Парлумони Шветсия Джулия Кронлид мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот Файзалӣ Идизода таъкид намуд, ки «моро зарур аст ҳамкории худро амиқтар гардонем, масъалаҳои муҳими сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавиро баррасӣ карда, роҳҳои нави таҳкими муносибатҳои дуҷонибаро пайдо намоем. Муносибатҳои мо дар асоси барқарор шудани муносибатҳои дипломатӣ дар соли 1992 уфуқҳои наве касб намуданд, ки бар эҳтироми ҳамдигар ва расидан ба ҳадафҳои умумӣ асос ёфтаанд. Шветсия ҳамеша шарики муҳими Тоҷикистон дар заминаи ҳамкории башардӯстона буд. Мо дар якҷоягӣ якчанд лоиҳаро амалӣ намудем, ки ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дастгирии бахши кишоварзӣ нигаронида шудаанд».

Иброз гардид, ки кори мунтазам дар доираи форумҳои байналмилалӣ ва вохӯриҳои сатҳи баланд, аз қабили Ассамблеяи Иттиҳоди байнипарламентӣ, ба таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат намуда, барои ташаббусҳои муштарак имконияти нав фароҳам меорад.

**8-уми апрели соли равон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода дар шаҳри Тошканд бо Раиси Сенати Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Танзила Нарбаева мулоқот кард.**

Таъкид гардид, ки дар сатҳи парлумонӣ мо метавонем на танҳо ҳадафҳои дарозмуддат ва стратегӣ таҳия кунем, балки қадамҳои мушаххасеро, ки ба амиқтар кардани робитаҳои мо нигаронида шудаанд, муҳокима кунем.

«Ҳамкории мутақобила миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои нигоҳ доштани субот ва шукуфоӣ дар Осиёи Марказӣ аҳамияти бузург дорад. Вазифаи мо идома додани тавсеаи ин робитаҳо дар соҳаҳои гуногун мебошад. Дар робита ба ин, мо аз имзо ва табодули санади муҳими таърихӣ - Протоколи табодули ратификатсияи Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба муносибатҳои ҳампаймонӣ бо иштироки роҳбарони ду давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар шаҳри Хуҷанд хеле хушҳолем»,- иброз доштанд ҷонибҳо.

Зимни мулоқот иброз шуд, ки ҳамкории самарабахши байни парлумонҳо на танҳо ба таҳкими робитаҳои сиёсӣ, балки ба фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ барои ташаббусҳои нави муштарак мусоидат мекунад. Парламентариёни ҳар ду кишвар дар қабули қонунҳо ва қарорҳое, ки субот ва рушди муносибатҳои моро дарозмуддат таъмин мекунанд, нақши калидӣ доранд. Намунаи ин ҳам қонунҳои миллӣ ва ҳам ташаббусҳои муштараки қонунгузорӣ мебошанд, ки ба рушди тиҷорат, сармоягузорӣ, мубодилаи фарҳангӣ ва беҳтар кардани зиндагии шаҳрвандони мо нигаронида шудаанд.

Ғайр аз ин, вохӯриҳои мунтазам, иштирок дар форумҳо ва конфронсҳои байнипарлумонӣ имкон медиҳанд, ки эҳтиёҷот ва мушкилоти мубрами кишварҳои мо беҳтар дарк карда шаванд. Ин ба таҳияи қарорҳои муассиртар ва ҷиддитар дар сатҳи ҳамкории дуҷониба ва сиёсати байналмилалӣ мусоидат мекунад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода дар ин рӯз бо Дабири кулли Иттиҳоди байнипарлумонӣ Мартин Чунгон вохӯрӣ кард.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки вақте вазъ дар як қатор минтақаҳои ҷаҳон хеле ташаннуҷнок боқӣ мемонад, иҷрои самараноки рисолати Иттиҳоди байнипарлумонӣ танҳо тавассути муттаҳид кардани кӯшишҳои қонунгузорон, таҳкими эътимод ва риояи принсипи волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар корҳои ҷаҳонӣ имконпазир аст.

Иттилоъ дода шуд, ки яксаду сию шаш сол пеш дар шаҳри Париж вохӯрии таърихии парламентариёни нуҳ кишвар баргузор шуд, ки ба таъсиси иттиҳодияи бонуфузтарин ва намояндагии парламентӣ - Иттиҳоди байнипарлумонӣ оғоз бахшид.

Иброз шуд, ки дар тӯли фаъолият Иттиҳоди байнипарлумонӣ ҳеҷ гоҳ аз принсипҳо дур нашудааст ва сол ба сол онҳоро танҳо мустаҳкам мекунад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода, ҳамчунин, бо ноиби Раиси Парлумони Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳоҷӣ Бобоӣ мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид гардид, ки ҷониби Тоҷикистон ба рушду густариши бештари муносибатҳо бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, аз ҷумла таҳкиму тавсеаи робитаҳои байнипарлумонӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

---

(Идома аз саҳ. 1)

Аз рӯйи арзёбиҳои олимон, давоми даҳсолаҳои охир пиряхҳои Арктика (ба истисноии Скандинавия ва Исландия) коҳиш ёфта истодаанд, ки ин раванд ба тамоюли мусбати ҳаҷми боришот мусоидат намудааст. Суръати обшавии пиряхҳои Арктика дар охири солҳои 90-уми асри XX афзоиш ёфта, майдони обшавӣ аз 100 км$^2$ (солҳои 1980-1989) то 320 км$^2$ (1997) ва 540 км$^2$ (1998) васеъ гардидааст.

Бино ба маълумоти Барномаи мониторинг ва арзёбии Арктика (AMAP), давоми солҳои 1971-2019 ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар Арктика 3,1°С афзудааст, ки нисбат ба қимати миёнаи ҷаҳонӣ се маротиба тезтар аст. Дар ин давра тағйирёбии бузургтарини ҳарорат дар уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ моҳҳои октябр-май (4,6°С) мушоҳида гардида, нуқтаи баландтарини гармшавии ҳаво (10,6°С) дар шимолу шарқи баҳри Барентс ба қайд гирифта шудааст. Дар аз -3% то +3% тағйир ёфтааст.

Тибқи ҳисобҳои Маркази миллии иттилооти экологии (NCEI) Идораи миллии тадқиқоти уқёнус ва атмосфераи (NOAA) ИМА, ки хисороти офатҳои табииро аз соли 1980 инҷониб арзёбӣ намуда, сабаби пайдоиши онҳоро тағйирёбии иқлим унвон кардааст, теъдоди офатҳои арзиши хисороташон беш аз 1 млрд. доллар давоми 40 соли охир афзоиш ёфта, аз се офат дар соли 1980 ба 13 ҳодиса дар соли 2010 расидааст. Мувофиқи ҳисоботи мавҷуда 43% офатҳои табиие, ки беш аз миллиард доллар хисорот овардаанд, солҳои 2010-2022 рух додаанд. Дар миқёси сайёра агар солҳои 80-уми асри XX соле 100-120 офати табиӣ рух медод, аз соли 2000-ум инҷониб тӯфон, обхезӣ ва дигар офатҳои гидрометеорологӣ ҳамасола панҷ маротиба зиёд шудааст.

Ҳамин тавр, таъсири манфии тағйирёбии иқлим дар Осиёи Марказӣ, алалхусус дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар шакли кам шу-

# ҲУШДОРЕ, КИ ҶАҲОНРО ТАКОН ДОД

давраи мушоҳидавӣ баландшавии гармиҳои аз меъёр зиёд ва пастшавии сардиҳои шадид бармало ба назар расида, солҳои 2000-2019 хунукиҳои қаҳратун на бештар аз 15 рӯз ба қайд гирифта шудааст. Ангораи амсилаҳои глобалии иқлим (CMIP6) нишон медиҳанд, ки ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво дар Арктика вобаста аз ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ то соли 2100 нисбат ба қимати миёнаи солҳои 1985-2014 ба андозаи аз 3,3 то 10°С боло меравад. Тибқи далелҳо боришоти солона дар Арктика солҳои 1971-2019 беш аз 9% зиёд шуда бошад ҳам, бориши борон 24% афзуда, тамоюли умумии бориши барф мушоҳида нагардидааст.

Мувофиқи мушоҳидаҳои олимон, коҳишёбии зиёдтарини пиряхҳо нисбат ба ноҳияҳои қутбӣ дар қаторкӯҳҳои арзҳои муътадил ва тропикӣ, чун Помир, Тиёншон, Ҳимолой, Қафқоз, Анд, Алп, Калиманҷаро ва Кордилер, ба назар мерасад. Масалан, тибқи ҳисоботи «Арзёбии Ҳиндукуш дар Ҳимолой», ки натиҷаҳои тадқиқоти маҷмуии гляциологӣ (яхшиносӣ)-ро фаро мегирад, то интиҳои асри XXI аз се ду ҳиссаи пиряхҳои минтақа нобуд мешаванд. Маврид ба зикр аст, ки ин гузориш пас аз гузоришҳои Гурӯҳи коршиносони байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим нахустин пажӯҳиши бонуфузу эътимодноки байналмилалӣ буда, натиҷаи фаъолияти муштараки панҷсолаи зиёда аз 350 муҳаққиқу коршинос аз 22 кишвар ва узви 185 созмон мебошад. Аз ин рӯ, ҳисоботи «Арзёбии Ҳиндукуш дар Ҳимолой» эътимоднок буда, тибқи пешгӯии он раванди обшавии пиряхҳои Ҳимолойро, ки манбаи муҳими об барои 250 млн. нафар аҳолии навоҳии кӯҳсор ва 1,65 млрд. нафар сокинони водию ҳамвориҳои минтақа мебошанд, ҳатто ҳадафи ниҳоии Созишномаи иқлимии Париж, яъне маҳдуд кардани гармшавии глобалӣ то 1,5°С-ро боздошта наметавонад. Агар гармшавии глобалии иқлим ва партови газҳои гулхонаӣ бо суръати кунунӣ идома ёбанд, он гоҳ ҳарорат дар Ҳимолой то соли 2100 метавонад то 4,4°С гарм шавад.

Аз рӯйи пажӯҳиши Маркази байналмилалии рушди ҳамгирошудаи кӯҳсор (ICIMOD), обшавии босуръати пиряхҳо дар баландтарин системаи кӯҳии ҷаҳон – Ҳимолой, ки чоряки аҳолии кураи арзро таҳдид менамояд, боиси обхезиҳои шадид ва ярчҳои азим дар массивҳои баландкӯҳи минтақа (аз Афғонистон то Мянма) гардида, захираи оби ширинро дар 12 дарёи бузург, ки аз 16 кишвари сераҳолии Осиё ҷорӣ мешавад, якбора коҳиш медиҳад. Ҳамчунин, маълумоти ICIMOD нишон медиҳад, ки пиряхҳо ба андаке болоравии ҳарорат хеле ҳассос буда, агар партови газҳои гулхонаӣ сари вақт коҳиш дода нашавад, офатҳои табиии марбут ба гармшавии иқлим бештар мегардад.

дани боришот дар фасли сармо, зиёдшавии рӯзҳо бо ҳарорати аз меъёр баланд, чангу ғубор ва инчунин, обшавии босуръати пиряхҳо – сарчашмаи асосӣ ва ҷузъи муҳими ғизодиҳии дарёҳои ҳавзаи баҳри Арал мушоҳида мешавад. Яъне, обшавии пиряхҳо ҳамчун мушкилоти глобалии экологӣ, маҳз дар натиҷаи гармшавии глобалии иқлим ба амал меояд. Дар минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан ҳудуди Тоҷикистон, ки яке аз манотиқи ба тағйирёбии иқлим осебпазир мебошад, бинобар афзоиши ҳарорати ҳаво, кам шудани боришот ва тағйир ёфтани амплитудаи бузургиҳои метеорологӣ захираи пиряхҳо коҳиш ёфта истодааст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид карданд: «Вазъи ба ин монанд дар пиряхҳои Помир низ ба вуҷуд омада истодааст. Обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ дар Тоҷикистон намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад. Ман пиряхи Федченкоро, ки зиёда аз 75 километр дарозӣ дорад, дар назар дорам».

Бузургтарин пиряхи минтақа ва калонтарин пиряхи кӯҳию водигии ҷаҳон – Ванҷях айни замон зери таъсири ҷиддии гармшавии иқлим қарор дорад. Зимни тадқиқот муайян шуд, ки солҳои 1976-1991 дар қисми поёнии Ванҷях 15м ва аз соли 1976 то соли 1980 ҳар соле 2,3 м фурӯ нишаста, баъдтар фурӯнишинӣ камтар гардида, дар давоми як сол ба 0,5 м расидааст. Агар соли 1979 ғафсии забони Ванҷях ба 40-50 м баробар буд, соли 1998 ҳамагӣ 20-25 метрро ташкил дод. Дар баробари ин, тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои нисбатан хурд низ таъсири ҷиддӣ расонидааст. Мувофиқи пажӯҳиши олимони тоҷик, майдони пиряхи №583 (ҳавзаи дарёи Мурғоб) дар соли 1976 ба андозаи 0,17 км$^2$ ва то соли 2018 ба миқдори 0,28 км$^2$ коҳиш ёфтааст. Натиҷаи ченкуниҳо нишон медиҳанд, ки дарозии пиряхи мазкур давоми солҳои 1976-2018 ба ҳисоби миёна 139 м кӯтоҳ шудааст. Тибқи мушоҳидаҳои метеорологӣ дар минтақае, ки пиряхи №583 воқеъ гардидааст, давоми ин солҳо ҳарорати ҳаво 0,9°С афзуда, боришот 23,1 мм (28%) коҳиш ёфтааст.

Аз далелҳои болозикр бармало мегардад, ки гармшавиҳои глобалӣ ва локалии иқлим ба пиряхҳои тамоми навоҳии яхистони сайёраи Замин, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсири манфии амиқ дорад. Дар ду даҳсолаи садаи XXI дар натиҷаи гармшавии глобалии иқлим обшавии босуръати пиряхҳо мушоҳида гардида, ҷиҳати пешгирии раванди мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» ба тасвиб расидааст. Барои татбиқи барномаи мазкур Ҳукумати кишвар 25367 000 сомонӣ ҷудо намудааст.



Марҳилаи асосии обшавии пиряхҳои минтақа солҳои 2011-2020 буда, дар ин давра, дар муқоиса ба ду даҳсолаи қабл 65% вусъат ёфтааст ва бо чунин тамоюл онҳо метавонанд дар интиҳои асри ҷорӣ 80% ҳаҷми имрӯзаи худро аз даст диҳанд. Ҳамчунин, гузориши «Об, ях, ҷомеа ва экосистемаҳо», ки дар асоси дастовардҳои охирони илмӣ таҳия гардидаву аз панҷ бахш иборат аст, бори нахуст робитаи байни криосфера, об, гуногунии биологӣ ва ҷомеаро дар мисоли минтақаи Ҳиндукушу Ҳимолой нишон медиҳад. Тибқи маълумоти гузориш, ҳарорати миёнаи ҳаво давоми солҳои 1951-2020 дар тамоми минтақа афзуда, тамоюли афзоиши он барои ҳар даҳсола +0,28°С-ро ташкил медиҳад. Ҳарорати ҳаво барои ҳар даҳсолаи давраи мушоҳидавӣ аз +0,15°С то +0,34°С (барои ҳавзаҳои алоҳида) тағйир ёфта, тамоюлоти баландтарини он дар доманакӯҳҳои Тибет, ҳавзаи дарёҳои Браҳмапутра, Амударё ва саргаҳи Меконг, Янсзи ба қайд гирифта шудааст. Тамоюли боришот бошад, ба истисноии навоҳии баландкӯҳи ҳавзаи Тарим ва баъзе манотиқи ҳавзаи Ганг, дар тамоми Ҳиндукушу Ҳимолой коҳиш ёфта, камшавии назаррас дар ҳавзаи дарёҳои Зард (Хуанхэ), Иравади ва Браҳмапутра мушоҳида карда шудааст. Дар маҷмуъ, боришот дар ҳавзаи 12 дарёи бузурги минтақа барои ҳар даҳсолаи давраи 1951-2020

Ин ҳама далели таваҷҷуҳи хосаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мушкилоти глобалии экологӣ, махсусан тағйирёбии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ ва ҳифзи пиряхҳо мебошанд. Бо назардошти мушкилоти мавҷуда Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми навбатии ҷаҳонии худро, ки бевосита ба масъалаи ҳифзи пиряхҳо равона гардидааст, пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳонӣ гардонданд. Воқеан, иқдоми мазкур, чун ташаббусҳои қаблӣ, дар асоси далелҳои мушаххасу дақиқи илмӣ рӯйи кор омада, ба самти ҳалли яке аз мушкилоти глобалӣ равона гардидааст, ки дар асоси ташаббуси панҷуми Пешвои миллат Созмони Милали Муттаҳид зимни баргузории иҷлосияи 77-ум 14 декабри соли 2022 қатъномаи навбатиро таҳти унвони «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» бо иттифоқи оро қабул намуд. Ин иқдом ҳушдоре буд, ки ҷомеаи ҷаҳониро бедор сохт ва бетараф нагузошт. Иқдоми навбатии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 154 кишвари узви СММ пазируфта шуд. Қабули чунин як қатъномаи муфид боиси ифтихору сарфарозии тоҷикону тоҷикистониён маҳсуб мешавад.

**Номвар ҚУРБОН,**
**номзади илмҳои техникӣ**

---

# ОМӮЗГОРИ АСИЛ

**Бо хонаводаи онҳо замони наврасӣ ошноӣ доштам. Дар деҳаи Шаҳринави ноҳияи Рашт истиқомат мекарданд. Аслан ин деҳа хеле баъд обод шуда буд. Соле, ки заминларзаи даҳшатнок ноҳияи номдори Ҳоитро батамом аз харитаи кишвар маҳв намуд, дар Ҷамоати деҳоти Қалъанаки ноҳияи Рашт ҳам сенздаҳ деҳа вайрон шуд. Зиндамондаҳо поён фуромаданд ва сарҷамъ деҳ бунёд карданду ба деҳа Шаҳринав ном гузоштанд. Падари ӯ низ қатори дигарҳо аз деҳаи Мурутако ба ин ҷо кӯчид…**

Амаки Сайдар аз майдони ҷанг баргашта буд. Кишвари паҳновар-ро қатори дигар ҷавонони шуҷоъ аз фашизм муҳофизат карду бо бадани пур аз оҳанпора ба зодгоҳ баргашт. То охири умр он оҳанпораҳо азияташ медоданд. Аз овони наврасӣ ба кишоварзию чорводорӣ меҳр дошт. Фарзандонаш Муҳаммадраҳиму Мирзораҳим ва Маҳмадраҷабу Сайъалиро бо нони ҳалол ба воя расонд. Соҳиби маълумоти олӣ кард. Муҳаммадраҳим нависанда шуд, нависандаи номдор. Мирзораҳим касби байториро интихоб карду Сайъалӣ табиб. Онҳоро ҳамеша андарз мегуфт, ки заҳматкашу ҳалолкор бошанд. Ба хотири ободии Ватан фидокорӣ кунанд.

Маҳмадраҷаб аз кӯдакӣ дар дили кӯчакаш касби омӯзгориро мепарварид. «Мактабро хатм кунам, ба донишкада дохил мешавам, ба илми кимиёро меомӯзам»,- ба пурсиши дӯстонаш посух мегуфт ӯ. Баъд аз дарс бачаҳои ҳамсолаш ҳамроҳи ӯ ба хона меомаданд. Солатҳо ба омӯзиш машғул мешуданд. Бобои Сайдар ифтихор мекард, ки фарзандони ӯ илмдӯстанд.

- Бачаҳо ба раҳматии бобояшон рафтаанд,- дар суҳбат ба ҳамсолон мегуфт амаки Сайдар. - Раҳматии Ғиёс пайи илм омӯхтан то кишвари Ҳиндустон рафта буд. Бисту панҷ сол аз хешу ақрабо дур дар мулки бегона илм омӯхт. Мулло Ғиёси мунаҷҷимаш мегуфтанд. Раҳматӣ гирифтани офтобу моҳтобро пешгӯӣ мекард. Ин кораш ба муллоҳои дигар писанд набуд. Дар ғайбаш мегуфтанд, ки ба Ибни Синову Умари Хайём пайравӣ мекунад...

Маҳмадраҷаб соли 1980 ба факултаи химия ва биологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе дохил шуд. Соли 1985, баъд аз хатми донишкада, ба зодгоҳ - деҳаи Шаҳринави Ҷамоати деҳоти Қалъанаки ноҳияи Рашт баргашт. Солҳои аввали кор дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25 деҳаи Қалъанак диққати омӯзгорони соҳибтаҷрибаро ба худ ҷалб кард. Баъд аз як соли кор шогирдонаш дар озмунҳои фаннӣ ширкат варзиданд ва ғолиб омаданд. Овозаи омӯзгори ҷавони соҳибистеъдод дар ноҳия паҳн шуд ва роҳбарияти дигар муассисаҳои таълимӣ илоҷ мекофтанд, ки ӯро ба мактаби худ оранд. Ҳар гуна ваъдаҳо медоданд, вале сокинони деҳаҳои Қалъанаку Шаҳринав ҳеҷ гоҳ аз даст додани муаллими масъулиятшиносро намехостанд. «Маҳмадраҷаб маҳбуби дилҳо ва фарзанди мост, барои фарзандони ҳамдеҳаи худ бояд хизмат кунад, - мегуфтанд. - Агар ба ҷои дигар рафтанӣ шавад, мо хешу таборашро ҳамроҳаш аз деҳаамон мегуселонем». Ҳатто он рӯзҳо, ки мехост ба аспирантура ҳуҷҷат супораду дар донишкада дарс гӯяд, розигӣ надоданд…

Баъдтар муассисаи таҳсилоти умумии асосии деҳаи Шаҳринав ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ табдил дода шуд. Ҳамдеҳаҳо ӯро ба мактаби деҳа оварданд ва то имрӯз он ҷо ифои вазифа менамояд.

Бо хоҳиши волидон ва саъю талоши роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№25, 26, 49 ва 52 ба шогирдон аз фанни химия дарсҳои иловагӣ мегузарад.

- Вазифаи мо омӯзгорист. Бояд рисолати худро дар назди Ватан ва миллат софдилона адо намоем. Шукр, ки чунин Пешвои муаззаму ғамхор дорем. Соҳаи маорифро дар сиёсати пешгирифтаи худ дар зинаи аввал гузоштааст, - гуфт ҳангоми суҳбат бо ҳамкоронаш.

Маҳмадраҷаб Ғиёсов дар давоми фаъолият шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки ҳоло дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ фаъолияти пурмаҳсул доранд. 61 шогирдаш соҳиби таҳсилоти олӣ гашта, ки 12 нафар омӯзгори фанни химия, 30 кас табиб, 1 нафар геолог, 3 нафар байтор ва боқимонда дар соҳаи барқ ифои вазифа доранд. Соли гузашта 17 шогирдаш ба донишгоҳу донишкадаҳо, аз ҷумла 9 нафар ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, дохил шуданд.

- Маҳмадраҷаб ба маънои томаш омӯзгор аст, - гуфт мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Рашт Шаҳобиддин Бозоров. - Ӯ касб, шогирдон ва Ватанашро бисёр дӯст медорад. Натиҷаи ҳамин садоқат аст, ки хурду калон дар ноҳия ӯро эҳтиром мекунанд. Барои мардум омӯзгори маҳбуб аст. Дар дилу дидаи ҳамдиёрон ҷой гирифтааст.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

---

Даъвати баҳорӣ - 2025

# СУҒД. ГУСЕЛИ НАВАСКАРОН БА ХИЗМАТИ ВАТАН-МОДАР

**Дар Қасри Арбоб маросими гусели даъватшавандагон ба хизмати ҳарбӣ ботантана баргузор гардид. Дар ҳамоиши мазкур раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода иштирок ва суханронӣ намуд.**

- Ҳимояи Ватан, манфиатҳои давлат, таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавӣ вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд маҳсуб ёфта, он на танҳо қарзи фарзандӣ, балки мактаби мардонагӣ ва ватандӯстӣ барои ҳар ҷавонмарди баору номус мебошад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати давлатии ҷавононро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, ҷавононро неруи пешбаранда ва такягоҳи боэътимоди давлату миллат мешуморанд, - иброз дошт раиси вилоят.

Дар даъвати баҳорӣ беш аз 2180 нафар аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ихтиёран худро барои адои хизмати ҳарбӣ дар комиссариатҳои ҳарбӣ номнавис карданд. Акнун, дар аввалин навбати гусел 1700 ҷавон аз шаҳру ноҳияҳои вилоят бо эҳсоси ватандӯстӣ ба хизмати ҳарбӣ раҳсипор шуданд.

Дар рӯзи нахустини даъват ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ва як қатор ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят нақшаро пурра иҷро намуданд.

Дар идомаи чорабинӣ маросими нонгазон баргузор гардида, аҳли фарҳанги вилоят бо намоиши барномаи рангини консертӣ табъи ҷавононро болида намуданд.

**Ҷ. САБОҲИДДИН, «Садои мардум»**

*Дар куҷо таҳсил ва кадом ихтисосро бояд интихоб намуд?*

# МАРҲАБО БА МАРКАЗИ ТАЪЛИМ, ИЛМ ВА ФАРҲАНГ ДАР ВОДИИ ЗАРАФШОН



**АНСОРӢ** *Муаззамхон Қудратзода, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, профессор*

## ДОВТАЛАБОНИ АЗИЗ!

**Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояҳои ватангустар ва сулҳоварро барои таъмини сулҳу субот ва рӯзгори босаодат амалӣ гардонида, олимону донишмандон ва гурӯҳи устодону кормандони соҳибтаҷриба ва ташаббускору навҷӯи он дар роҳи пурзаҳмати илму маърифату фарҳанг шогирдонро тарбия менамоянд. Дар ҷаҳони муосир пешрафти ҳар як ҷомеа, пеш аз ҳама, ба кадрҳои баландихтисос вобастагии зич дошта, имрӯз бидуни мутахассисон наметавон ба ҳадафҳои олӣ ва пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ даст ёфт. Бо назардошти ҳамин омил Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карданд. Дараҷаи рушди илм яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди ҷомеа буда, инчунин, муайянкунандаи ташаккул ва рушди муосири давлат мебошад. Ҳар он чизе, ки моро иҳота мекунад, дастоварди илм аст. Танҳо он кишварҳое, ки ба тадқиқоти илмӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, технологияҳои навтаринро ба ҷаҳони илм бомуваффақият интиқол мекунанд ва онҳо воситаҳои ба қадри кофӣ тавонои молиявӣ, иттилоотӣ, истеҳсолӣ ва зеҳниро таъмин мекунанд, дар мусобиқаи муосири сиёсӣ ва иқтисодӣ пешсаф мебошанд. Бешак, илмҳои дақиқ яке аз шаклҳои муҳимтарини маданияти ҷамъият буда, инкишофи он сабаби навсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон мебошад.**













| Рамз | Ихтисос | Шакли таҳсил | |
|---|---|---|---|
| | | Рӯзона | Ғоибона |
| | 1-ум «ТАБИӢ ВА ТЕХНИКӢ» | | |
| 102050302 | Математика. Информатика | + | + |
| 102060102 | Технология (меҳнати техникӣ, нақшакашӣ) | + | + |
| 1020602 | Технология. Омӯзгор-муҳандис | + | + |
| 102050302 | Физика. Информатика | + | + |
| | 2-юм «ИҚТИСОД ВА ГЕОГРАФИЯ» | | |
| 1020405 | География. Экология | + | |
| 126020206 | Менеҷменти иҷтимоӣ | + | + |
| 1890101 | Саёҳат ва меҳмондорӣ | + | + |
| | 3-юм «ФИЛОЛОГИЯ, ПЕДАГОГИКА ВА САНЪАТ» | | |
| 121050108 | Забон ва адабиёти рус | + | + |
| 1020301 | Забон ва адабиёти тоҷик | + | + |
| 1020303 | Забон ва адабиёти тоҷик. Ихтисоси иловагӣ (алифбои ниёгон) | + | |
